**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Дар адабиётшиносии муосир масъалаҳои муҳимтарин мавриди пажуҳиш қарор меёбанд, ки ҷузъиёти хурдтаринро дар бар мегиранд. Яке аз чунин масъалаҳои мубрам самти фирдавсишиносӣ мебошад, ки аз ҷониби Одиназода Сафармоҳ Нурулло анҷом шудааст.

Мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)», ки дар таърихи халқи тоҷик аз марҳалаҳои асосӣ ба шумор меравад, дар сатҳи хуби илмӣ матраҳ шудааст. Дарки чунин мавзуъҳо на танҳо барои тоҷикони Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тоҷикони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва мамолики дигар низ муфид аст. Диссертант кӯшиш намудааст, ки ташаккули адабии тоҷикро дар заминаи самти фирдавсишиносӣ то андоза мушаххас намояд.

Ҳамчунин, мо муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносии муосири Ҷумҳурии Ӯзбекистон зимни ба самти фирдавсишиносии давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намудан, нахуст иқдомоти Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ менамоем, зеро ин анъанаи воқеии арҷгузорӣ ба ниёгони худ мебошад. Воқеан, нашри «Шоҳнома» ва баргузории озмуни «Шоҳномахонӣ» дар густариши шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ, ки дар ҷомеаи имрӯз нақши муассир дорад, самти фирдавсишиносиро ба маротиб рушд медиҳад.

Диссертант дар **муқаддимаи** кори таҳқиқотии худ аҳаммияти мавзуи таҳқиқро равшан намуда, дар қисмати дараҷаи таҳқиқ таҳлилҳои амиқтарро мавриди истифода қарор додааст. Натиҷаҳои диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло мушаххасоти илмии самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)-ро дар бар мегирад. Мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» мавзуи муҳим ва омӯхтанашуда ба ҳисоб рафта, дар он афкори адабии тоҷики солҳои 50-80-уми асри сипаришуда мушаххас шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, навгонии илмӣ ва дар умум маводи диссертатсияи аз ҷониби диссертант ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои арзиши муҳимми илмӣ мебошад.

Дар **боби аввали** диссертатсия, ки аз ду фасл ва се зерфасл иборат аст,

муаллиф марҳилаи муайяни солҳои 50–80-уми асри ХХ-ро таҳқиқ кардааст.

Диссертант нишон медиҳад, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳои идеологии замони шуравӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар муҳити илмӣ ва адабии Тоҷикистон мавқеи назаррас доштааст. Дар ин замина, ба масъалаи баъзе нашрҳои шуравии «Шоҳнома» ва муносибати муҳаққиқон ба ҷанбаҳои таърихӣ, миллӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстонаи асар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Муаллиф дар боби мазкур заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик (дар асоси фирдавсишиносӣ) ва ҳамчунин рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри ХХ)-ро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар **боби дуюм,** ки «Фирдавсишиносӣ ва адабиёти муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)», унвон дорад, аз се фасли мушаххас иборат аст. Боби мазкур фаслҳое, чун «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)», «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва назми муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)» ва «Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри ХХ)»-ро дар бар мегирад, ки арзиши илмии диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертант дар ин боб масъалаи истифодаи афкору андешаҳо, образҳо ва ғояҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро дар эҷодиёти нависандагони тоҷик, аз ҷумла Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва шоирони тоҷик, ба мисли Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва Гулрухсор мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар насру назми тоҷик ҳамчун рамзи арҷгузорӣ ба арзишҳои маънавии ниёгон истифода шудааст.

Дар **боби сеюми** диссертатсия таъсири ғояҳои меҳварии «Шоҳнома» дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ) таҳлилу баррасӣ шуданд.

Дар боби мазкур масъалаҳои асосии таъсири ғояҳои меҳварии «Шоҳнома», аз ҷумла инсондӯстӣ, хирадмандӣ, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Диссертант барои тақвияти андешаҳои худ ба осори як қатор муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ такя намуда, мақоми «Шоҳнома»-ро ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърих, забон, адабиёт ва фарҳанги мардумони форсизабон нишон медиҳад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ба чунин хулоса омадан

мумкин аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ адабиёти заруриро ба таври васеъ ҷамъоварӣ, таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо дар автореферати диссертатсия ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо дар автореферат корҳои илмии муҳаққиқони рус, нисбат ба муҳаққиқони шуравӣ бештар омӯхта шудааст.
2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши кори таҳқиқотиро коста намегардонад.

Миқдори мақолаҳои интишорнамудаи муҳаққиқ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи « Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарrриз:** Доктори фанҳои фалсафа (PhD),
оид ба филология, дотсенти кафедраи
таълими ибтидоии Донишкадаи
давлатии педагогии Самарқанд Қаюмов Нодир Найимович

«Имзои Қаюмов Нодир Найимовичро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи ходимони Донишкадаи
давлатии педагогии Самарқанд Кулиева Ситора Мунисовна

Суроға: 140100, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитаменшоҳ, 166
Тел.: (+998) 95 826 82 12
E-mail: devonxona@samdpi.uz

18.08.2026